**Протоколи № 7**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-087

назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

аз 15 -уми июли соли 2026 ш. Хоруғ

Иштирок доштанд:

аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина, ки бо фармонши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, тахти № 50/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи **Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон** дар мавзуи **“Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “тибби мансурӣ”-и Закариёи Розӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои тоҷикии Донишгоҳи давлати тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино доктори илмҳои филологӣ Санавбар Низомӣ Фахрӣ ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., Аламшоев М.М. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон ба шурои диссертатсионӣ.

Котиби илмии шурои диссертатсионй, номзади илмҳои филологӣ Бехроншо Ҷ.С. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионй пешниҳоднамудаи диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон ба талаботи Низомномаи

шурои диссертатсионй ва тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, тахти № 50/шд тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Маҷидзода Бахринисо Маҳмадҷон** дар мавзуи **«Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “тибби мансурӣ”-и Закариёи Розӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ ба экпертизаи аввалия кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

**– Офаридаев Назрӣ –** доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, раиси комиссияи экспертӣ;

**– Абодуллоева Сафина Юсуповна** – доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, узви комиссияи экспертӣ.

**– Броимшоева Муслима Қимматшоевна** – номзади илмҳои филологӣ, узви шуро, узви комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ М.М. Аламшоев

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Ҷ.С. Беҳроншо